UNDP Тоҷикистон

# ҲАМКОРӢ

№9, 2010

ЗАМИМАИ МАХСУСИ ҲАФТАВОРИ «ASIA-PLUS»

# Шарики рушд

## Аз оғози фаъолияти Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон 15 сол сипарӣ гардид.




Ҷиҳати таҷлил аз ин сана 14-уми декабри соли 2009 дар бинои театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими тантанавӣ баргузор шуд.

Дар он масъулини мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятию байналмилалӣ, кормандони сафоратхонаҳои муқими Тоҷикистон ва намояндагони расонаҳои хабарӣ ширкат варзиданд.

Дар қисмати аввали чорабинӣ меҳмонон аз намоишгоҳи дастовардҳои бахшҳои гуногуни Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон боздид карданд. Зимнан кормандони ин созмони бонуфузи байналмилалӣ бо истифода аз дастуру китоб, варақаю овеза ва аксу наворҳо ба меҳмонон пиромуни фаъолияти барномаву лоиҳаҳои гуногуни худ иттилоъ доданд. Дар баробари пазироии гарму самимӣ, баҳри ҳозирин дастурхони идона густурда буд ва тӯҳфаҳои хотиравӣ бо рамзи БРСММ супурда шуд.

Чун замони оғози расмии маросим фаро расид, садои мутантани карнаю доира гирдомадагонро ба толор хонд.

Саҳна ороставу рӯйи он арғунун ва созҳои муосири зарбию торӣ ба назар мерасиданд. Ҳамзамон дурбинҳои наворбардорӣ дар чанд гӯшаи толор омодаи кор буданд. Танзими хуби дастгоҳҳои садову равшанибахшӣ рӯҳияи идонаро дучанд месохт.

Дар қисмати суханронӣ баҳри таҳнияти созмони соҳибҷашн Вазири рушди иқтисод ва савдои ҶТ Фаррух Ҳамралиев рӯйи саҳна омад. Ӯ аз ҷумла изҳор дошт, ки Барномаи Рушди СММ тӯли 15 соли фаъолияташ дар Тоҷикистон тамоми ташаббусҳои Ҳукумати ҶТ-ро дар кӯтоҳтарин фурсат дастгирӣ кардааст. "Ба андешаи ман, истифода аз таҷрибаи зиёди коршиносоне, ки ин созмони бонуфузи байналмилалӣ ҷалб месозад, ба Тоҷикистон имкон медиҳад, то пайомадҳои манфии бӯҳрони иқтисодию молиявиро коҳиш диҳад ва тамоми тадбирҳоро барои рушди минбаъдаи иқтисоди кишвар сафарбар созад", - гуфт Ф.Ҳамралиев.

Сипас Муовини аввали Вазири корҳои хориҷии ҶТ Абдулло Юлдошев аз сатҳи ҳамкорӣ миёни Ҳукумати ҶТ ва Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон изҳори қаноат карда, хушбинии худро аз дурнамои ин равобити судманд баён дошт: "Аз рӯзе, ки мувофиқатномаи байни Ҳукумати ҶТ ва Барномаи Рушди СММ имзо шуда буд, 15 сол гузашт. Дар ҷараёни 15 сол ин ниҳоди СММ корҳои зиёдеро дар Тоҷикистон анҷом дод. Бовар дорем, ки ҳамкории байни Барномаи Рушди СММ ва Ҳукумати ҶТ барои ҳадафҳои шарафмандона нигаронида шудааст ва натиҷаҳои хуб ба бор хоҳад овард".

Дар навбати худ, Сарвари Кишварии БРСММ дар Тоҷикистон Растислав Врбенски баргузории ин маросими тантанавиро "таҷлили ҳамдигарфаҳмӣ" номида, онро ба ҳозирин шодбош гуфт: "Дар ҷараёни ин ҷашн мо шарикӣ ва натиҷаҳои назарасеро, ки тӯли 15 соли ҳамкорӣ ба даст овардаем, таҷлил мекунем. Мехоҳам, ба ҳамаи онҳое, ки бо мо кор карданд, сипосгузорӣ кунам, зеро бидуни мусоидати онҳо аслан наметавонистем, ба натиҷаҳои барои Тоҷикистон ва мардуми он манфиатбахш ноил гардем. Мехоҳам, ба Ҳукумати ҶТ ва тамоми шариконии тоҷикистониамон арзи сипос кунам. Ҳамчунин мехоҳам, ба Оҷонсиҳои дигари низоми СММ, созмонҳои байналмилалии маблағгузор ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ миннатдорӣ кунам. Ва ниҳоят, мехоҳам, ба тамоми ҳамкорони худ барои фаъолияти зиёду хушсифаташон, ки баҳри рушди Тоҷикистон анҷом медиҳанд, ташаккур гӯям. Яқин дорам, ҳамдилию шарикии мо идома меёбад ва дар оянда натоиҷи беҳтару бештареро ноил мегардем".

Маросими ҷашниро гулдухтарони гурӯҳи рақсии "Падида", сарояндаи боистеъдод Юлия Багданавичуте ва дастаи доиранавозони ҷавон бо ҳунарнамоии дилписанд идома бахшиданд. Нуқтаи авҷи базми рақсу тарона рӯйи саҳна даъват гардидани яке аз саромадони арсаи созу навои муосири тоҷик Далер Назаров буд. Ӯ бо арзи сипос аз истиқболи гарми аҳли толор, дар ҳавои мусиқии касбии навозандагонаш ба соҳибони ҷашн чунин муроҷиат кард: "Боиси шарафмандии мост, ки суруду оҳангҳои худро ҳузури шумо иҷро мекунем. Таманно дорем, ки ҳамеша комёб бошед, чун муваффақияти шумо асоси беҳзистии ҷаҳониён аст". Аз силсилаи таронаҳои зиндаву рӯҳафзои ин овозхони асил то поёни базм кафкӯбию нидои "аҳсант" дар фазои толор парфишон буд.

**Сафо САФАРОВ**

**МАЪЛУМОТНОМА:**

Тӯли 15 соли фаъолият дар Тоҷикистон Барномаи Рушди СММ баҳри таъмини рушди устувор, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, роҳандозии ислоҳот ва ҳалли дигар масоили мубрами ҷомеа мусоидат мекунад. Коргоҳи марказии он дар пойтахт ҷойгир буда, ҳамзамон 5 дафтари минтақавиаш дар Хуҷанд, Айнӣ, Ғарм, Кӯлоб ва Шаҳритус фаъол аст. Ин созмон дар қаламрави ҷумҳурӣ барномаву лоиҳаҳои гуногунро ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола татбиқ месозад. Бояд гуфт, ки дафтари тоҷикистонӣ бахши бузургтарини Барномаи Рушди СММ дар минтақаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Аврупо мебошад.

# Растагории мӯътодони зиндонӣ

**Дар Тоҷикистон нахустин Маркази офиятбахшӣ барои маҳбусони истеъмолгари мухаддарот ба фаъолият оғоз кард.**



Маросими ифтитоҳи Маркази «Атлантис» 18-уми декабри соли 2009 дар Беморхонаи марказии раёсати корҳои ислоҳотии Вазорати адлияи ҶТ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат баргузор шуд.

«Корҳои сохтмониву муҷаҳҳазгардонии ин Марказ дар доираи татбиқи Барномаи пешгирии паҳншавии маводи нашъаовар дар Осиёи Марказӣ (КАДАП) ҷараён гирифта, дар мӯҳлати 18 моҳ ва ба маблағи умумии беш аз 144 ҳазор Евро анҷом дода шуд», - гуфт зимни сӯҳбат бо хабарнигори «Ҳамкорӣ» Сарвари Барномаҳои БОМКА-КАДАП дар Тоҷикистон Сӯҳроб Қаҳҳоров.

Мақсад аз фаъолияти Марказ пешниҳоди дастгирии муолиҷавию равонӣ ҷиҳати раҳонидан аз вобастагии мухаддарот буда, дар он 25 маҳкумшудаи мӯътод ба табобат фаро гирифта мешаванд.

Дар маросими ифтитоҳи Маркази мазкур Сарвари Кишварии БРСММ дар Тоҷикистон Растислав Врбенски аз ҷумла чунин иброз дошт: «Ба ҷуз бозсозии бино, ки фарогири ҳуҷраҳои хоб, ғизохӯрӣ ва истироҳат, утоққои муолиҷавӣ, ошпазхона, ҳаммом ва ғ. мебошад, Маркази офиятбахшӣ ҳамчунин бо ҷиҳози гуногун, генератору компутер ва дигар дастгоҳҳои зарурӣ таъмин карда шуд. Зимни амалисозии ин лоиҳа ҳамкорӣ бо Вазорати адлияи ҶТ дар сатҳи баланд ҷараён гирифт ва умедворем, дар оянда низ чунин равобити созанда идома меёбад».

Ҳамзамон Муовини вазири адлияи ҶТ Шаҳноза Нодирова изҳор дошт, ки Ҳукумати ҶТ ҷиҳати ба ҳамкорӣ ҷалб сохтани шарикони байналмилалию минтақавӣ фаъолияти муассир мебарад. Номбурда афзуд, ки дар ҳамдастӣ бо оҷонсиҳои маблағгузор ва созмонҳои байналмилалию маҳаллӣ маҷмӯи чорабиниҳо оид ба назорати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои маҳкумшудагон, таъминоти моддию фаннии маҳбасҳо ва омодасозии кормандони муассисоти ислоҳотӣ гузаронида мешаванд.

Ба қавли Муовини вазир, бо назардошти дурнамо ва нақшаҳои такмили низоми иҷрои ҷазо, Вазорати адлияи ҶТ ҳамкорию муколамаро бо муассисоти мушобеҳи кишварҳои ИДМ ва хориҷаи дур баҳри табодули таҷриба ва роҳандозии усулу фановариҳои муосир густариш медиҳад. «Айни замон Вазорати адлия ба Ҳукумати ҶТ пешниҳодеро пиромуни дар Душанбе баргузор кардани Анҷумани Саввуми Минтақавии Осиёи Марказӣ оид ба ҳифзи сиҳатӣ ва истеъмоли мухаддарот дар маҳбасҳо ирсол кардааст, - гуфт Ш.Нодирова. - Ба ин Анҷуман беш аз 100 намояндаи муассисоти ислоҳотӣ, вазоратҳои тандурустиву адлия ва ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо маҳбусон даъват хоҳанд шуд».

Дар навбати худ, Аташеи Ҳайати Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Жан Бернард де Милито таъкид дошт, ки айни замон Тоҷикистон дар радифи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ шомили Барномаи 12-марҳилавии «Атлантис» оид ба мубориза бо вобастагии мухаддарот аст. «Ин лоиҳа минтақавӣ буда, ташкили «мавзеи сабз» дар маҳбасҳоро пешбинӣ мекунад: дар онҳо маҳкумшудагони мӯътоде, ки истеъмоли мухаддаротро қатъ кардаиянд, аз маҳбусони дигар ҷудо нигаҳдорӣ мешаванд, - гуфт ӯ. - Барои онҳо шароити беҳтари маишӣ бо пешниҳоди ёрии тиббию равонӣ фароҳам гардида, баъд аз озод шудан низ ҳуқуқи дарёфти чунин кӯмакро хоҳанд дошт».

Қобили зикр аст, ки дар моҳи майи соли 2009 намояндагони низоми иҷрои ҷазои Тоҷикистон бо ҳамкасбони худ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ баҳри коромӯзӣ ба Лаҳистон рафтанд. Ин боздид ба шарикон имкон дод, ки бо таҷрибаи аврупоӣ оид ба роҳандозии барномаи «Атлантис» дар маҳбасҳо шинос шаванд. Ба ҷуз ин, шаш намояндаи низоми ислоҳотии Тоҷикистон дар моҳи августи соли 2009 бо ҳамкасбони худ аз Қирғизистон ҷиҳати баррасии раванди мутобиқсозии барномаи «Атлантис» ва корбарии минбаъдаи он дар маҳбасҳои Тоҷикистон воҳӯрӣ анҷом доданд.

Вазифаи Барномаи КАДАП роҳандозии таҷрибаи аврупоӣ оид ба мубориза алайҳи маводи нашъаовар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, кам кардани талабот ба мухаддарот тавассути ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим мебошад.

КАДАП аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида, онро Барномаи Рушди СММ амалӣ месозад.

**Сафо САФАРОВ**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com

# Назорати сил тақвият меёбад

**Лоиҳаи зиддисилии Барномаи Рушди СММ баҳри пешгирӣ ва назорати бемории сил дар Тоҷикистон фаъолиятҳои гуногунҷабҳа анҷом медиҳад. Дастовардҳои соли сипаришуда ва нақшаҳои дарпешистодаро Менеҷери Лоиҳаи зиддисилии БРСММ Зумрад Максумова ба "Ҳамкорӣ" тафсир кард.**



АКСБАРДОР: ҶОН РЕА

## Тарҳи нави зиддисилӣ

Дар марҳилаи кунунӣ маблағгузори асосии чорабиниҳои зиддисилӣ дар кишвар Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза алайҳи СПИД, сил ва табларза мебошад. Аз соли 2005 инҷониб ниҳоди мазкур ҷиҳати дастгирии "Барномаи миллии мубориза бар зидди бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2010" зиёда аз 40 миллион доллар чудо кардааст.

Барномаи Рушди СММ (БРСММ) аз ҷониби Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии бемориҳои СПИД, сил ва табларзаи назди Ҳукумати ҶТ ба ҳайси гирандаи асосӣ ва амалисозандаи 2 бурси зиддисилӣ пешниҳод гардида буд. БРСММ тарҳҳои зиддисилии худро аз моҳи июли соли 2007, яъне аз замони оғози корбасти бурси Даври 6-ум татбиқ мекунад.

Дар соли 2009 низ Хазинаи Глобалӣ ва Кумитаи Миллии Ҳамоҳангсозӣ ба сифати амалисозандаи бурси Даври 8-ум БРСММ-ро тасдиқ карданд. Маблағи он ба бурси қаблӣ зам гардида, ҷиҳати вусъат бахшидани барномаи ҷории мубориза алайҳи сил дар кишвар мавриди истифода қарор мегирад.

Лоиҳаи нав ба тақвияти барномаи пешгирӣ ва назорати бемории сил дар доираи ислоҳоти соҳаи тандурустии ҶТ равона шудааст. Дар лоиҳаи муттаҳида густариши фаъолиятҳои ҷорӣ ва роҳандозии самтҳои нав, ба мисли бемории сил ва ҳуқуқи инсон дар маҳбасҳо, афзоиши тадбирҳо оид ба мубориза алайҳи ангезандаҳои муштараки сил ва бемории пайдошудаи норасоии масуният (ТБ/СПИД), васеъ ва беҳтар кардани муайянсозиву табобати шаклҳои устувори сил ва ғ. ба нақша гирифта шудааст.

Мақсади лоиҳаи муттаҳида - то соли 2015 бо роҳи фарогирии умумӣ коҳиш додани шиддати бемории сил дар ҶТ, беҳтар гардонидани сифати муолиҷаи таҳти назорат (ДОТС), ҳамчунин тибқи Мақсаду Вазифаҳои Рушди Ҳазорсола ва шарикии "Бемории силро бозмедорем" васеъ кардани имконоти ДОТС мебошад. Баҳри муайян кардани самаранокии лоиҳа 4 нишондод қабул шудааст, ки дар анҷоми татбиқи он бояд ба даст ояд: аз теъдоди умумии ҳолатҳои сироятёбӣ муайянсозии 70%-и гирифторони сил; расидан ба табобати муваффақонаи беш аз 85%-и ҳолатҳои гирифторӣ; коҳиш додани сатҳи мубталошавӣ ба сил то 60 ба 100 000 аҳолӣ; кам гардонидани сатҳи фавт то 7 ба 100 000 аҳолӣ.

Татбиқи марҳилаи аввали Лоиҳаи БРСММ оид ба бемории сил 1-уми октябри соли 2009 оғоз гардида, то 30-юми сентябри соли 2011 идома меёбад. Барои амалисозии он зиёда аз 20 миллион доллар ҷудо гардидааст. Тибқи сиёсати пешгирифтаи Хазинаи Глобалӣ, тамдиди лоиҳа ба се соли оянда (2012-2014) аз натоиҷи бадастовардаи БРСММ ва кишвар дар марҳилаи якум вобаста аст. Дар сурати ноил шудан ба натиҷаҳои қаноатбахш, барои амалисозии даври дуюми тарҳи мазкур боз 10 миллион доллар пешниҳод мегардад.

Шарикони асосии татбиқи ин лоиҳа Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сили Вазорати тандурустии ҶТ, Раёсати корҳои ислоҳотии Вазорати адлияи ҶТ, Беморхонаи ҷумҳуриявии зиддисилии "Шифо" (Мачитон), Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, Барномаи Ҷаҳонии Озуқаи СММ, ҳамчунин як қатор ташкилотҳои ғайридавлатии маҳалливу байналмилалӣ мебошанд.

## Сил дар маҳбасҳо

Дар соли сипаришуда ҳудуди 7000 маҳбуси муассисоти ислоҳотии ш.Душанбе, Қӯрғонтеппа, Ваҳдат, Ёвон ва Норак бо мақсади муайянсозии гирифторони сил аз муоинаи флюорографӣ гузаронида шуданд. Роҳандозии муоинаи дастаҷамъӣ бо истифода аз мошини ташхиси флюорографии сайёр, ки аз ҷониби БРСММ/Хазинаи Глобалӣ харидорӣ шудааст, имконпазир гардид. Мутахассисони Лоиҳаи зиддисилии БРСММ ва Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сил дар гузаронидани муоинаи мазкур кӯмаки машваратию фаннӣ расониданд. Тибқи маълумоти пешакӣ, зимни ташхис 250 маҳбуси гирифтори бемории сил муайян карда шуд. Дар маҳбасҳои вилояти Суғд низ гузаронидани чунин муоина дар назар аст.

Айни замон мубориза алайҳи бемории сил яке аз вазифаҳои аввалдараҷаи соҳаи тандурустӣ мебошад. Хусусан, ин масъала барои маҳбасҳо хеле ҷиддиву ҳассос гардидааст, зеро дар шароити зиндон назар ба озодӣ андозаи гирифторӣ ба бемории сил 100 маротиба бештар мушоҳида мешавад. Ташхису муолиҷаи батаъхирафтода ва шароити вазнини маҳбасҳо ба паҳн гардидани бемории сил мусоидат мекунад. Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО - ВИЧ) низ хатари инкишофи силро меафзояд.




Аз дидгоҳи сиҳатии ҷамъиятӣ ба Тоҷикистон, хусусан, ба маҳбасҳои он паҳншавии шакли мутобиқгаштаи сил таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, лоиҳаи БРСММ дар нақша дорад, ки муолиҷаи чунин беморонро дар муассисаҳои зиддисилии маҳбасҳо дастгирӣ кунад.

Самтҳои асосии мубориза алайҳи сил дар муассисоти ислоҳотӣ беҳтар гардонидани муайянсозӣ, ташхис, пешгирӣ ва табобати ин беморӣ мебошад. Айни замон дар тамоми маҳбасҳои кишвар барномаи ДОТС ба роҳ монда шудааст. Ҷиҳати беҳтар гардонидани сифати татбиқи барномаи мазкур, БРСММ тасмим дорад, ки муассисаҳои тиббии маҳбасҳоро барқарор созад ва бо мақсади расонидани ёрии усулию фаннӣ, санҷиши ҳармоҳаи шӯъбаҳои зиддисилиро ба роҳ монад. Аз ҷумла, дар доираи лоиҳа барои маҳбусон бунёди дармонгоҳи нави зиддисилии иборат аз 100 кат дар ноҳияи Ваҳдат ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамзамон дар сохторҳои қудратии Тоҷикистон беҳтар гардонидани сатҳи ёрии тиббӣ, таъмини дастрасии маҳбусон ба табобати сил аз рӯйи дурнамои ДОТС, кам кардани теъдоди маҳбусон дар зиндонҳо тавассути гузаронидани ислоҳот дар низоми иҷрои ҷазо, инчунин боло бурдани эҳтиром ва риояи ҳуқуқҳои асосии инсон дар назар дошта шудааст. Ба ҷуз ин, бо мақсади беҳтар гардонидани муайянсозии сил дар байни маҳбусон ва аъзои оилаи онҳо, ҳамоҳангсозии чорабиниҳои байни муассисоти низоми тандурустӣ ба роҳ монда мешавад.

## Боз як барномаи миллӣ

Дар доираи бурси Даври 6-уми Хазинаи Глобалӣ бо кӯшиши якҷояи БРСММ, Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, инчунин Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сили Вазорати тандурустии ҶТ ва иштироки фаъоли мушовирони байналмилалӣ "Барномаи миллии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил барои солҳои 2010-2015" таҳия гардид. Аз сабаби он ки барномаи қаблӣ масоили мубориза бо шаклҳои устувори сил, ангезандаҳои муштараки сил/ВНМО, бемории сил дар маҳбасҳо ва чанд ҷанбаи дигарро дар бар намегирифт, зарурати таҳияи барномаи нав ба миён омад. Он фарогири нақшаи шашсола оид ба назорати бемории сил дар ҶТ ва дурнамои муштарак доир ба роҳандозии меъёрҳои байналмилалии пешгирӣ, ташхис, табобат, беҳгардонии захираҳои инсонӣ, идораи буҷаҳои маблағгузорӣ ва масрафоти ҷорӣ мебошад. Айни замон тарҷумаи санади мазкур ба забони давлатӣ ҷараён дошта, сипас он барои тасдиқ ба Вазорати тандурустӣ ва Ҳукумати ҶТ ирсол мегардад.



Қобили зикр аст, ки бо дастгирии фаннии Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ ва БРСММ бори нахуст буҷаи ин барномаи миллӣ таҳия гардид. Ҳамзамон аз шумори намояндагони Вазорати тандурустии ҶТ, Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сил, Раёсати корҳои ислоҳотии Вазорати адлияи ҶТ, Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, БРСММ, Лоиҳаи ҲОУП ва шарикони дигар гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ҷанбаҳои гуногуни барномаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

## Баҳои баланд

Аз 4-ум то 9-уми ноябри соли 2009 ҳайати Кумитаи чароғи сабз (КЗС) бо шумули мушовири он Кай Блондал ва портфолио-менеджери Хазинаи Глобалӣ Филипп Креаш аз Тоҷикистон боздид карданд. Зимнан ҳайати мазкур ба раванди татбиқи лоиҳаи таҷрибавии мубориза бо шаклҳои устувори сил баҳои мусбат дод.

Фаъолияти ин лоиҳа моҳи июни соли 2009 дар ду минтақаи таҷрибавӣ: шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ бо дастгирии фаннию молиявии БРСММ/Хазинаи Глобалӣ оғоз гардида буд. Алҳол дар доираи амалисозии он 42 бемори мубталои шакли мутобиқгаштаи сил табобат карда мешаванд, ки аз ин теъдод 7 нафар ба тарзи амбулаторӣ ва 35 нафари дигар дар Беморхонаи ҷумҳуриявии зиддисилии "Шифо" (Мачитон) муолиҷа мегиранд.

Бино ба тавсияи Ҳайат, ҳудуди амалисозии тарҳи мазкур бояд ба ноҳияҳои Ваҳдату Ҳисор ва як қатор муассисаҳои ислоҳотӣ густариш ёбад. Дар ин замина то охири соли 2010 ба табобат фаро гирифтани 400 сироятёфтаи шакли мутобиқгаштаи сил ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи сафар Ф.Креаш ва К.Блондал инчунин аз Беморхонаи маркази раёсати корҳои ислоҳотии Вазорати адлияи ҶТ боздид карданд. Зимнан Ф.Креаш татбиқи лоиҳаи зиддисилӣ дар маҳбасҳоро қаноатбахш дониста, онро заминаи хуб барои оғози амалисозии тарҳи мубориза бо шакли мутобиқгаштаи сил дар муассисоти ислоҳотӣ номид. Ба гуфтаи ӯ, якчанд камбудии ҷойдошта, ки зарурати ислоҳи онҳо зимни боздиди қаблӣ таъкид гардида буд, ба пуррагӣ бартараф шуданд. Ҳамзамон К.Блондал иброз дошт, ки табобати беморон дар шӯъбаи зиддисилӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Коршиносон тавсия доданд, ки дар соли 2010 табобати шаклҳои устувори сил дар маҳбасҳои таҷрибавӣ ба роҳ монда шавад.

**Таҳиягар**
**Маҳпора КИРОМОВА**

**БО МУСОИДАТИ БРСММ ДАР ТОҶИКИСТОН ОМОДА ГАРДИД**

PDF created with pdfFactory Pro trial version www.pdffactory.com